«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
_____ Ибодуллозода А.И.
_____ соли 2025

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Саидзода Саида Саид аз соли 2014 то ҳоло унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

Саидзода Саида Саид соли 2004 ба ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2008 хатм намудааст.

Номбурда бо фармони ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, №302-ОД, аз 11.12.2009 ба ҳайси аспиранти кафедраи назария ва таърихи адабиёт қабул карда шудааст.

Роҳбари илмӣ – Элбоев Вафо Ҷӯрақулович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи илмии Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» бо қарори №2-и кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 13.09.2013 тасдиқ карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27.12.2013, таҳти №12 тасдиқ гардидааст.

Саидзода Саида Саид имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои «Таърих ва фалсафи илм», бо баҳои 4 «хуб», аз 03.06.2023, «Забони хориҷӣ (англисӣ)», бо баҳои 5 «аъло», аз 22.11.2024 ва «Таърихи адабиёти тоҷик - робитаҳои адабӣ (аз рӯи рақами ихтисоси 10.01.01)»-ро, бо баҳои 5 «аъло», аз 19.03.2025 супоридааст, ки бо шаҳодатномаи №04/227, аз 20.05.2025 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёт аз 10.05.2025, № 10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Саидзода С. С. дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Рисолаи диссертант Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мутобиқат дорад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқот дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2020-2025, ки ба пажуҳиш ва нашри осори адибони адабиёти муосири тоҷик равона шудааст, анҷом ёфтааст.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Таълифоти нашрнамудаи унвонҷӯ натиҷаҳои муҳим, мундариҷаи комили диссертатсия ва авторефератро ба таври мушаххас инъикос менамояд.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Татбиқ намудани аҳаммияти илмиву амалии диссертатсияи пешниҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки маводи рисола ҳангоми таҳия ва таълифи бахше аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири форсии тоҷикӣ, навиштани диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, рисолаҳои магистрӣ ва корҳои дипломӣ истифода бурда мешавад.

Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби унвонҷӯ масъалаҳои омилҳои ташаккули

шахсияти эҷодии Саттор Турсун, таснифи асарҳои нависанда, нақши ҳикоя ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ, шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун, тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор», тасвири ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ дар роман, тасвири пайванди инсон ва табиат дар роман, таҳлили образҳо (шахсиятҳои достонӣ) дар роман ва забону сабки баёни Саттор Турсун ба таҳқиқи илмӣ кашида шудааст.

Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» аз муқаддима, 3 боб, 9 параграф (фасл), 9 зерпараграф (зерфасл), хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, 2 мақола дар нашрияҳои илмии дигар интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,25 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттесттатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Ғаффорова, С. Чанд андеша пиромуни ҳикояҳои Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2012. – №4 (47). – С.91-93

[2-М]. Ғаффорова, С. Мавқеи ҳикоя ва повестҳои Саттор Турсун дар адабиёти муосири тоҷикӣ [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2012. – №5-1 (48). – С.310-316.

[3-М]. Ғаффорова, С. Тасвири воқияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2013. – №2 (51). – С.234-246.

[4-М]. Ғаффорова, С. Заминаҳои пайдоиши қиссаву ҳикояҳои Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – №1. – С.68-72

[5-М]. Ғаффорова, С. Забон ва услуби насри Саттор Турсун [Матн] / С.Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №1 (114). – Саҳ.193-200.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Ғаффорова, С. Саттор Турсун ва роҳи эҷодии ӯ [Матн] / С.Ғаффорова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Методические инновации в практике преподавания русского языка и литературы в условиях поликультурной среды» (17-18 март 2025 г.). – Душанбе, 2025. – С.89-96.

[7-М]. Ғаффорова, С. Тасвири пайванди инсон ва табиат дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» (16 апрели 2025). – Душанбе, 2025. – С.247-254.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 28.08.2025, қарори №1 қабул гардидааст.

Иштирок дошт: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири кафедраи
назария ва таърихи адабиёт — Салихов Шамсидин Аслидинович

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи
назария ва таърихи адабиёт — Шерализода Адолат Шералӣ

Имзои Ш.А. Салихов ва А.Ш. Шерализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Кодирзода Сайвалӣ

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj
Сомона: www.tgpu.tj